# Пайғамбарлар 3



Published by the Comic Bible Society, LLC
Copyright © 2021

Kingstone Comics maintains copyright to this comic book as provided by United States copyright law.

Print and digital copies of this version may be freely distributed without penalty under a Creative Commons license.


ЮИЛ
ТАҚРИБАН СОЛИ 800 ТО МИЛОД.
ДАР БОРАИ ПАЙҒАМБАР ЮИЛ МАЪЛУМОТ КАМ АСТ – ФАҚАТ МАЪЛУМ АСТ, КИ МАЪНОИ НОМИ Ӯ «ПАРВАРДИГОР ХУДОСТ» МЕБОШАД.
АЗ КАДОМ СИБТ БУДАНИ Ӯ МАЪЛУМ НЕСТ. Ӯ ТАНҲО ЧУН ПИСАРИ ФАТУИЛ МАЪЛУМ БУД.
КИШТЗОРҲОИ ИСРОИЛ АЗ БОИСИ ҲУҶУМИ МАЛАХ НОБУД ШУДА БУДАНД.
ВА ЮИЛБО ПАЁМИ ҚАТЪӢ АЗ ҶОНИБИ ПАРВАРДИГОР БА ХАЛҚ МУРОҶИАТ НАМУД.
БЕДОР ШАВЕД ВА ГИРЯ КУНЕД, ЭЙ МАЙНӮШОН, ЗЕРО ТАМОМИ АНГУР НОБУД ШУДААСТ ВА ҲАМАИ ШИРАИ АНГУРИ ШУМО АЗ ДАСТ РАФТААСТ!
ХАЛҚИ ЗӮРОВАР ҲАМАИ ТОКҲОРО ВАЛАНГОР КАРДВА ПӮСТИ ДАРАХТОНИ АНҶИРРО КАНДА ПАРТОФТ.
ДАР ҲАМА ҶО ОШУФТАГӢ ВА АНДӮҲ АСТ.
ҒАЛЛА, АНГУР ВА ЗАЙТУН НОБУД ШУДААСТ.
СЕБҲО ДАР ДАРАХТОН ХУШКИДААНД; ТАМОМИ ШОДМОНӢ ҒОИБ ШУДААСТ.
Юил 1:1-12


ПАЛОС ПӮШИДА ГИРЯ КУНЕД, ЭЙ КОҲИНОН.
ТАМОМИ ШАБ НАЗДИ ҚУРБОНГОҲ НАВҲА НАМОЕД.
ЗЕРО КИ АКНУН ҲАДИЯИ ОРДӢ ВА ҲАДИЯИ РЕХТАНӢНЕСТ.
РӮЗА ЭЪЛОН КУНЕД, ҶАМЪОМАД ДАЪВАТ НАМОЕД.
ПИРОН ВА ҲАМАИ МАРДУМРО БА ХОНАИ ПАРВАРДИГОР ҶАМЪ ОВАРЕД ВА ДАР ОН ҶО НАЗДИ Ӯ ГИРЯ КУНЕД.
ДОНАҲО ДАР ТАҲТИ КУЛӮХҲО ПӮСИДАНД, АНБОРҲО ХОЛӢ ШУДАНД.
ҒАЛЛА ДАР КИШТЗОРҲО НОБУД ШУД, ЧОРПОЁН ФАРЁД МЕЗАНАНД, РАМАҲОБЕТОҚАТӢ МЕКУНАНД, ЗЕРО ЧАРОГОҲЕ БАРОЯШОН НЕСТ.
ХУДОЁ, БА МО ЁРӢ ДЕҲ! ЧАРОГОҲҲО ВА ДАРАХТОН СӮХТААНД – ВА ОБ БАРОИ ОНҲО НЕСТ.



Юил 1:13-20



КАРНАЙ НАВОЗЕД ВА МАРДУМРО ҶАМЪ КУНЕД
…ЗЕРО РӮЗИ ПАРВАРДИГОР МЕОЯД.
ИН РӮЗИ ТИРА, АБРҲОИ СИЁҲ ВА ТОРИКИИ ҒАФС АСТ.
ЧӢ ЛАШКАРИ ТАВОНО – ОНҲО ЧУН ШАБ ТЕППАҲОРО ФАРО ГИРИФТААНД!
«ЗАМИН ПЕШ АЗ ОНҲО ЧУН БОҒИ АДАН АСТ, ВА БАЪД АЗ ОНҲО – БИЁБОНИ ХАРОБА».
«ОНҲО ЧУН АСПҲОИ ТЕЗДАВ МЕДАВАНД ВА БАР ҚУЛЛАҲОИ КӮҲҲО МЕТОЗАНД!»
«БА ҒАЛОҒУЛАИ ОНҲО ГӮШ ДИҲЕД… ОН ЧУН ГУЛДУР-ГУЛДУРИ АРОБАҲО САДО МЕДИҲАД».
«ОНҲО ЧУН ПАҲЛАВОНОН ТОХТ МЕОВАРАНД, МИСЛИ МАРДОНИ ҶАНГӣ БА ДЕВОР МЕБАРОЯНД».
«ОНҲО БА ХОНАҲО МЕБАРОЯНД, АЗ ТИРЕЗАҲО МИСЛИ ДУЗД ДОХИЛ МЕШАВАНД».
«РӮЗИ ПАРВАРДИГОР БУЗУРГ ВА БАҒОЯТ САҲМГИН АСТ; ВА КИСТ, КИ БА ОН ТОБ ОВАРДА ТАВОНАД?!»



ХУДО МЕГӯЯД, КИ БО ТАМОМИ ДИЛ СӯИ МАН БОЗГАШТ НАМОЕД.
ДИЛҲОИ ХУДРО ЧОК КУНЕД, НА ЛИБОСҲОИ ХУДРО.
Ӯ ПУРЭҲСОН ВА РАҲМДИЛ АСТ.
КӢ МЕДОНАД? ШОЯД Ӯ БАРАКАТЕ БОҚӢ ГУЗОРАД.
РАШКИ ПАРВАРДИГОР БАРОИ ЗАМИНИ Ӯ ХОҲАД ОМАД, ВА Ӯ БАР ҚАВМИ ХУД РАҲМ ХОҲАД КАРД!
Ӯ ГАНДУМ, ШИРАИ АНГУР ВА РАВҒАНИ ЗАЙТУН ХОҲАД ФИРИСТОД.
ГӮШ КУНЕД, КИ ХУДО ЧӢ МЕГӮЯД:«МАН ГАНДУМЕРО, КИМАЛАХ – ЛАШКАРИ АЗИМИ МАН ХӮРДААСТ, БА ШУМО БАРМЕГАРДОНАМ!»
ШУМО ХӮРОКИ ФАРОВОН ХӮРДА, СЕР ХОҲЕД ШУД, ВА ХОҲЕД ДОНИСТ, КИ МАН АНДАРУНИ ИСРОИЛ ҲАСТАМ.
ХУДО МЕГӮЯД, КИ ХАЛҚИ Ӯ ДИГАР ҲЕҶ ГОҲ ХИҶИЛ НАХОҲАД ШУД.

Юил 2:12-27


«АЗ ПАЙИ ИН БАРАКАТҲОИ МОДДӢ БАРАКАТҲОИ РӮҲОНӢ МЕОЯНД».
«ПИСАРОНИ ШУМО ВА ДУХТАРОНИШУМО ПАЙҒАМБАРӢ ХОҲАНД НАМУД; ПИРОНИ ШУМО ХОБҲО ХОҲАНД ДИД, ҶАВОНОНИ ШУМО РӯЪЁҲО ХОҲАНД ДИД».
«БАР ХИЗМАТГОРОН ВА КАНИЗОНИ ХУД МАН РӮҲИ ХУДРО ХОҲАМ РЕХТ».
«ВА ДАР ОСМОН ВА ЗАМИН МУЪҶИЗАҲО ЗОҲИР ХОҲАМ КАРД…»
«ОФТОБ БА ТОРИКӣ ВА МОҲ БА ХУН ТАБДИЛ ХОҲАД ЁФТ, ПЕШ АЗ ОН КИ РӯЗИ АЗИМ ВА САҲМГИНИ ПАРВАРДИГОР ФАРО РАСАД».
ҲАТТОДАРУРШАЛИМ БАЪЗЕ КАСОН НАҶОТ ХОҲАНД ЁФТ
ЗЕРО Ӯ КАСОНЕРО, КИ ДАЪВАТАШОН МЕНАМОЯД, ИНТИХОБ КАРДААСТ
Юил 2:28-31


ПАС АЗ БАРҚАРОР КАРДАНИ ЯҲУДО МАН ЛАШКАРИ ТАМОМИ ҶАҲОНРО ДАР ВОДИИ ЕҲӮШОФОТ ҶАМЪ МЕКУНАМ.
ОНҲО ХАЛҚИ МАРО ЧУН ҒУЛОМОНИ ХУД ТАҚСИМ КАРДААНД; ПИСАРЕРО ДАР ИВАЗИ ФОҲИША ДОДААНД, ДУХТАРЕРО ДАР ИВАЗИ ШАРОБ ФУРӮХТААНД, ВА ТО МАСТ ШУДАН НӮШИДААНД.


АКНУНПОЗАҲОИ ХУДРО БАРОИ ШАМШЕРҲО, ВА ДОСКОЛАҲОИ ХУДРО БАРОИ НАЙЗАҲО БИШКАНЕД.
ДАР ОН ҶО, ДАР ВОДИИ ЕҲӮШОФОТ МАН ҲАМАИ ХАЛҚҲОРО ДОВАРӢ ХОҲАМ КАРД.
ДОСРО БА КОР АНДОЗЕД, ЗЕРО КИ ҲОСИЛ РАСИДААСТ; БИЁЕД, ПАХШ КУНЕД, ЗЕРО КИ ЧАРХУШТҲО АЗ БАДКИРДОРИИ ОДАМОНЛАБРЕЗ ГАРДИДААСТ.
(1) ДАР БОБИ СЕЮМ ПАЙҒАМБАР ЮИЛМОРО БА ЗАМОНҲОИ ОМАДАНИ ДУЮМИ МАСЕҲ МЕГУЗАРОНАД, КИ ОН ВАҚТ ХУДОВАНД ҲАМАИ ХАЛҚҲОРО БАРОИ КОРҲОИ КАРДААШОН ДОВАРӢ МЕКУНАД.

Юил 3:1-13



«ПАРВАРДИГОР АЗ МАЪБАДИ ХУД НАЪРА МЕЗАНАД».
«ОСМОНУ ЗАМИН БА ЛАРЗА МЕОЯНД; ВАЛЕ ПАРВАРДИГОР ПАНОҲГОҲ БАРОИ ҚАВМИ ХУД ХОҲАД БУД».
АЗ КӯҲҲО ОБИ АНГУР ХОҲАД ЧАКИД, ВА БАР ТАЛҲО ШИР ҶОРӣ ХОҲАД ШУД.
РӮДХОНАҲО ПУРОБ ХОҲАНД ГАРДИД, ВА ЧАШМАЕ АЗ ХОНАИ ПАРВАРДИГОР БЕРУН ХОҲАД ОМАД.
ИСРОИЛ ТО АБАД САОДАТМАНД ХОҲАД БУД, ВА УРШАЛИМ ТО АБАДУДДАҲР ШОДКОМ ХОҲАД БУД.
ЗЕРО ХОНАИ МАН ДАР УРШАЛИМ БО ХАЛҚИ МАН АСТ.


Юил 3:16-21



Омус
СОЛИ 752 ТО МИЛОД.
ОМӮС ПАЙҒАМБАР АЗ ТАҚӮО, ДЕҲАИ ХУРДЕ АЗ УРШАЛИМ БА ҶАНУБ ДАР МАСОФАИ ПОНЗДАҲ КИЛОМЕТР БУД.
Ӯ ЧӮПОНӢ МЕКАРД ВА МЕВАИ ҶУМИЗРО ҶАМЪОВАРӢ МЕКАРД.
МАЪНОИ НОМИ Ӯ «БАРАНДАИ БОР» БУД, ВА Ӯ ТАҚРИБАН ДАР СОЛИ 752 ТО МИЛОД БА ПАЙҒАМБАРӢ САР КАРД.
... ДУ СОЛ ПЕШ АЗ ЗАМИНҶУНБИИ САХТ ДАРУРШАЛИМ, КИ СОКИНОНИ ОНРОТАРСОНД.
УЗИЁ ПОДШОҲИ ЯҲУДО БУД, ВА ЁРОБЪОМИ II ПОДШОҲИ ИСРОИЛ БУД.
ОМӮС ҲАМЗАМОН БО ПАЙҒАМБАРОН ҲУШАЪ, ЮНУС ВА ИШАЪЁ ПАЙҒАМБАРӢ МЕКАРД.
ХАЛҚИ ИСРОИЛ АЗ ЗАМОНИ БУЗУРГИ РАВНАҚ ВА ОСОИШ ҲАЛОВАТ МЕБУРД.
ИН АЗ САБАБИ ТАВБА КАРДАНИ АШШУР БУДА МЕТАВОНИСТ, КИ ПАС АЗ МАВЪИЗАИ ЮНУС ДАР НИНВЕ ДИГАР БА ИСРОИЛ ТАҲДИД НАМЕКАРД.


Омус 1:1


ОМӮС ДАР БОРАИ ДОВАРИИ НАЗДИКШАВАНДА БАР ДУШМАНОНИ ИСРОИЛ ПЕШГӮИҲОКАРД, КИ ДИҚҚАТИ ОНҲОРО ҶАЛБ НАМУДАНД.
ДИМИШҚ БОРҲО ГУНОҲ МЕКАРД – МАН ҒАЛАҚАИ ДАРВОЗАҲОИ ОНРО ХОҲАМ ШИКАСТ.
ФАЛИШТИЁН ХАЛҚИ МАРО ДАР АДУМ МЕФУРӮХТАНД – МАН ОТАШЕ БАР ДЕВОРҲОИ ОН ХОҲАМ ФИРИСТОД.
ХУДОДУШМАНОНИ МОРО ДОВАРӢ ХОҲАД КАРД!
СУРҶАМОАТҲОИ ПУРРАИ АСИРОНРО МЕФУРӮХТ ВА АДУМ ИСРОИЛРО БО ШАМШЕР ТАЪҚИБ МЕНАМУД – АЗ ҲАМИН САБАБ ИСТЕҲКОМҲОИ ОНҲО НЕСТ КАРДА ХОҲАНД ШУД.
АММӮН ЗАНОНИ ҲОМИЛАРО ШИКАМЧОК МЕКАРД – ВА ПАРВАРДИГОР ОНРО НОБУД ХОҲАД КАРД.
МӮОБ ДАР МИЁНИ ҒАВҒО ХОҲАД МУРД, ВА МАН ҲАМАИ МИРОНАШРО ХОҲАМ КУШТ.


БАЪД ПАЙҒАМБАР МАРДУМИ ЯҲУДОРО МАҲКУМ НАМУД...
ВА ЯҲУДОШАРИАТИ ХУДОРО РАД МЕКУНАД – АЗ ҲАМИН САБАБ МАН ҲАМАИ ҚАСРҲО ВА ИСТЕҲКОМҲОИ ОНҲОРО ХОҲАМ СӮЗОНД.1.
(1) ПЕШГӮӢ ДАР СОЛИ 605-586 ИҶРО ШУД, ВАҚТЕ КИ НАБУКАДНЕСАР УРШАЛИМРО ОТАШ ЗАД.
ОМУС ТАНҲО БАРОИ ОН АЗ ЯҲУДО САР КАРД, КИ БА МАҚСАДИ НАВБАТИИ ХУД – ИСРОИЛ– НАЗДИК ШАВАД.
ТУ НИЗ, ЭЙ ИСРОИЛ, АЗ МАҲКУМИЯТ РАҲО НАМЕШАВӢ – ТУ, ПОЙМОЛКУНАНДАИ МИСКИНОН, КИ ОН ҶО ПАДАРУ ПИСАР НАЗДИ ЯК ЗАН МЕРАВАНД.
ТУ ДУЧАНД ГУНОҲ МЕКУНӢ! ТУ ЛИБОСҲОИ БЕВАЗАНОНРО БА ГАРАВ МЕГИРӢ, АГАРЧИ ШАРИАТ ИНРО МАНЪ МЕКУНАД – БАЪД ТУ ОНҲОРО БАРОИ ПАРАСТИШИ БУТҲО ИСТИФОДА МЕБАРӢ!
МАН АМУРИЁНРО, КИ ПЕШ АЗ ТУ СОҲИБОНИ ИН ЗАМИН БУДАНД, НОБУД КАРДАМ, ВА БА ТУ ПАЙҒАМБАРОНРО ДОДАМ.
АММО ШУМО ОНҲОРО ШАРОБ НӮШОНДЕД ВА ФАРМУДЕД, КИ ПАЙҒАМБАРӢ НАКУНАНД!
ДОВАРИИ ХУДОРО НА ТАВОНОТАРИНИ ШУМО, НА ЯГОН ХЕЛ АСЛИҲАПЕШГИРӢ КАРДА МЕТАВОНАНД, ҲАНГОМЕ КИ Ӯ АШШУРИЁНРО БАРОИ ИҶРОИ ҲУКМИ ХУД МЕФИРИСТАД.
Омус 2:4-16


МАН ЗИДДИ ТАМОМИ ҚАБИЛАЕ КИ АЗ МИСР БЕРУН ОВАРДААМ, – ЗИДДИ ЯҲУДО ВА ИСРОИЛ ШАҲОДАТ МЕДИҲАМ.
МАН ШУМОРО БАРОИ ҲАМАИ ГУНОҲҲОТОН ҶАЗО ХОҲАМ ДОД.
ОЁ ШЕР НАЪРА МЕЗАНАД, АГАР ТӮЪМАЕ ПЕШИ ВАЙ НАБОШАД?
ОЁ МУРҒ БА ДОМ МЕАФТАД, АГАР ТӮРЕ БАРОИ ВАЙ НАБОШАД?
АГАР КАРНАЙ НАВОХТА ШАВАД, ОЁ МАРДУМ БА ИЗТИРОБ НАМЕОЯНД?
ДОВАРӢ БА АМАЛ ХОҲАД ОМАД, АММОХУДО ШУМОРО БА ВОСИТАИ ПАЙҒАМБАРОНАШ МЕҲРУБОНОНА ОГОҲ МЕКУНАД.
«ЧУНОН КИ ЧӮПОН ДУ СОҚИ ПО Ё НАРМАИ ГӮШРО АЗ ДАҲОНИ ШЕР РАҲО МЕКУНАД, ОНЧУНОН БАНӣИСРОИЛ РАҲО ХОҲАНД ШУД»...
«ДАР РӮЗЕ КИ МАН ИСРОИЛРО БАРОИ ҶИНОЯТҲОЯШ ҶАЗО МЕДИҲАМ, ҚУРБОНГОҲҲОИ БАЙТ-ИЛРО1 ВАЙРОН ХОҲАМ КАРД»
(1) ҶОИ АСОСИИ ПАРАСТИШИ БУТҲО ДАР ИСРОИЛ. ЁРОБЪОМДАР БАЙТ-ИЛ ҚУРБОНГОҲҲО СОХТ, ТО КИ ХАЛҚ БА УРШАЛИМ БА ПАРАСТИШ НАРАВАД, ҲОЛ ОН КИХУДО ФАРМУДА БУД, КИ БА ПАРАСТИШ НАЗДИ ҚУРБОНГОҲИ Ӯ БА УРШАЛИМ РАВАНД.


ВА ШУМО, ЭЙ МОДАГОВОНИ ФАРБЕҲИ БОШОН! ШУМО ШАВҲАРОНАТОНРО ДАР ҒОРАТИ БЕНАВОЁН ВА ЗУЛМ БАР ОНҲО ДАСТГИРӢ МЕКУНЕД – ШУМО, КИ ҲЕҶ ГОҲ АЗ НӮШИДАН ТАШНАГИЯТОН РАФЪ НАМЕШАВАД!
«ПАРВАРДИГОР МЕГӮЯД, КИ ШУМОРО БО ЧАНГАКҲО ДАР ҶОҒҲОЯТОН БА АСОРАТ ХОҲАНД БУРД».
(1) АШШУРИЁН ҶОҒҲОИ АСИРОНРО БО ЧАНГАКҲО СӮРОХ МЕКАРДАНД, ТО КИ ОНҲОРО ГУРӮҲ-ГУРӮҲ КАРДА БАРАНД ВА ҚАСЕ КӮШИШИ ГУРЕХТАН НАКУНАД.
ХУДО ШУМОРО БА ВОСИТАИ ХУШКСОЛӢ, ГУРУСНАГӢ, МАЛАХ ВА МАҒЛУБИЯТ ДАР ҶАНГҲО ОГОҲӢ МЕДОД – АММО ШУМО БОЗ ҲАМ СӮИ Ӯ БАРНАГАШТЕД.
ЭЙ ИСРОИЛ, ХУДРО ОМОДА НАМО, КИ БО ХУДОИ ХУД РӮ БА РӮ ШАВӢ.
ПАРВАРДИГОРРО ҶАЛОЛ БОД – Ӯ КӮҲҲО ВА БОДРО ОФАРИДААСТ.
ВА Ӯ ФИКРҲОИ ХУДРО БА ОДАМ ХАБАР МЕДИҲАД;ПАРВАРДИГОРИ ЛАШКАРҲОНОМИ ӮСТ.

Омус 4:1-13


«МУҲОРИБА ЧУНОН САХТ ХОҲАД БУД, КИ ҲАНГОМЕЛАШКАРИ ИСРОИЛ БЕРУН МЕОЯД, АЗ ДАҲ НАФАР НӮҲТОЯШОН КУШТА МЕШАВАНД».
«НАЗДИ ДАРВОЗАИ ШАҲР БОЯД АДЛУ ИНСОФ ҲУКМФАРМО БОШАД, АММО ШУМО ИНСОФРО БА ЯВШОН ТАБДИЛ ДОДАЕД».
«РИШВА МЕГИРЕД, ВА НИСБАТ БА КАМБАҒАЛОН ДАР МАҲКАМА КАҶКОРӣ МЕКУНЕД».
«ШУМО АЗ ШАХСИ РОСГӮЙ НАФРАТ МЕКУНЕД».
«МАРО ҶӮЕД, ТО ЗИНДАГӢ КУНЕД!»
«НАЗДИ ХУДОЁНИ ДУРӮҒИНИ БАЙТ-ИЛ РАФТАНРО РАД КУНЕД».
«АЗ БАДӢ ҲАЗАР НАМОЕД,ТО ЗИНДАГӢ КУНЕД! АДЛУ ИНСОФРО ДАР МАҲКАМА АЗ НАВ БАРҚАРОР НАМОЕД».
«ШОЯД ПАРВАРДИГОР ХУДОИ ЛАШКАРҲО БАР БАҚИЯИ ХАЛҚИ ХУД МАРҲАМАТ КУНАД ".


«ДАР ҲАМАИ КӮЧАҲО НАВҲА ХОҲАД БУД».
«НАГӮЕД: «КОШКИ РӮЗИПАРВАРДИГОР ФАРО МЕРАСИД» – ЧУНКИ ОН РӮЗ ТОРИКӢ ВА НОУМЕДӢ ХОҲАД БУД».
«ИН МИСЛИ ОН ХОҲАД БУД, КИ КАСЕ АЗ ШЕР ГУРЕХТА, БА ХИРС ДУЧОР ШАВАД».
«Ё МИСЛИ ШАХСЕ КИ БА ХОНА ДАРОМАДА, ДАСТАШРО БА ДЕВОР БИМОНАД, ВА МОРЕ ӮРО БИГАЗАД».
«ИН БАРОИ ШУМО РӮЗИ ТИРА ВА НОУМЕДОНА ХОҲАД БУД».
«МАН АЗ РИЁКОРИИ ШУМО ДАР ИДҲО ВА ҶАМЪОМАДҲОИ ДИНӢНАФРАТ ДОРАМ. СУРУДҲОИ ШУМО ФАҚАТ ҒАВҒОЕСТ БАРОИ ГӮШҲОИ МАН».
«МАН МЕХОҲАМ, КИ АДЛУ ИНСОФ ЧУН НАҲРИ БЕПОЁН ҶОРӢ ГАРДАД».
«ШУМО ДАР БИЁБОН БАРОИ МАН ҚУРБОНИҲО МЕОВАРЕД – АММО ДИЛҲОЯТОН БО ХУДОЁНИ ДУРӮҒИН – МУЛИК ВА КАЙВОН БУДАНД».
«МАН ШУМОРО БА ОН ТАРАФИ ДИМИШҚ БА АСОРАТ ХОҲАМ РОНД, МЕГӮЯД ПАРВАРДИГОР ХУДОИ ЛАШКАРҲО».1
(1) АШШУР ДИМИШҚРО ДАР СОЛИ 732 ТО МИЛОД ЗАБТ НАМУД, ВА БАЪД ИСРОИЛРО НИЗ ДАР СОЛИ 722 ТО МИЛОД ЗАБТ НАМУД.

Омус 5:16-27


«ЭЙ ОНҲОЕ КИ БЕПАРВОЁНА БАРОҲАТ ЗИНДАГӢ МЕКУНЕД – БИНЕД, КИ БО КАЛНА, ҲАМОТ ВА ЧАТ ЧӢ ШУДААСТ. ОЁ ГУМОН МЕКУНЕД, КИ АЗ ИН ШАҲРҲО БЕҲТАР ҲАСТЕД?»
«ШУМО АЗ КОСАҲОИ ПУР ШАРОБ МЕНӯШЕД, ВА ХУДРО БО РАВҒАНҲОИ БЕҲТАРИН ТАДҲИН МЕНАМОЕД, ВА ДАР БОРАИ БАРОДАРОНИ БЕЧОРАИ ХУД АФСӯС НАМЕХӯРЕД».
«ШУМО АВВАЛИН ШУДА БА АСИРӢ ХОҲЕД РАФТ».
ПАРВАРДИГОРИ ЛАШКАРҲО БА ЗОТИ ХУД ҚАСАМ МЕХӮРАД: «МАН ИФТИХОРИ ИСРОИЛРО БАД МЕБИНАМ, ВА АЗ ҚАСРҲОИ ЗЕБОИ ОН НАФРАТ МЕНАМОЯМ».
«МАН ИН ШАҲРРО БО ҲАР ЧИ ДАР ОН АСТ, БА ДАСТИ ДУШМАНОНАШ ТАСЛИМ ХОҲАМ КАРД».
«МАН ХАЛҚЕРО БАР ЗИДДИ ШУМО БАРМЕАНГЕЗАМ, КИ ШУМОРО АЗ ШИМОЛ ТО ҶАНУБ БА ТАНГ ХОҲАНД ОВАРД».

Омус 6:1-14


БАЪД ОМӮС БА ОНҲО ДАР БОРАИ ПАНҶ РӮЪЁИ ГУНОГУН, КИ ПАРВАРДИГОР БА Ӯ АЁН НАМУД, НАҚЛ КАРД.
ПАРВАРДИГОРТӮДАИ АЗИМИ МАЛАХРО БА ВУҶУД ОВАРД, ТО КИ ЗАМИНРО ХАРОБ ГАРДОНАД, АММО МАН АЗ Ӯ ИЛТИҶО НАМУДАМ...
ХУДОЁ ПАРВАРДИГОРО, ХОҲИШ МЕКУНАМ, РАҲМ НАМО, ЗЕРО ИСРОИЛ ХУРД АСТ!
МАН БА ОНҲО РАҲМ МЕКУНАМ.
БАЪД МАН ОТАШИ АЗИМЕРО ДИДАМ, КИ ПАРВАРДИГОР БУНЁД НАМУД, ТО ОНҲОРО ҶАЗО ДИҲАД ВА ЗАМИНРО СӮЗОНАД.
ХУДОЁ ПАРВАРДИГОРО, ЛУТФАН, БОЗДОР! АГАР ТУ ЗИДДИ ОНҲО БАРОЙ, ЧӢ УМЕДЕ ХОҲАНД ДОШТ?
МАН МАРҲАМАТИ ХУДРО БОЗ ДАВОМ МЕДИҲАМ.
ОМӮС, ТУ ЧИРО МЕБИНӢ?
ШОҚУЛ АЗ СУРБ.
МАН ХАЛҚИ ХУДРО БО ШОҚУЛИ СУРБӢ ХОҲАМ САНҶИД.
ҚУРБОНГОҲҲОИ БУТҲО ВА ҚУДСҲОИ ИСРОИЛ ХАРОБ ХОҲАНД ШУД, ВА МАН ПОДШОҲИИ ПОДШОҲ ЁРОБЪОМРО БО ШАМШЕР НОБУД ХОҲАМ КАРД.

Омӯс 7:1-9


КОҲИН АМАСЁ МЕГӮЯД, КИ ОМӮС ХИЁНАТКОР АСТ.
БА ҚАВЛИ АМАСЁ, ОМӮС МЕГӮЯД, КИ ТУ ХОҲӢ МУРД ВА ИСРОИЛ БА АСОРАТ ХОҲАД РАФТ.
БА АМАСЁ ГӮЙ, КИ ПАЙҒАМБАР ДАР ИХТИЁРИ ӮСТ.
АЗ ИН ҶО ДАФЪ ШАВ, ПАЙҒАМБАР! БА ЯҲУДО БАРГАРД ВА ДАР ОН ҶО ПАЙҒАМБАРӢ КУН!
МОРО ДАР ИН ҶО БЕЗОБИТА НАКУН!
МАН НА ПАЙҒАМБАРАМ, НА ПИСАРИ ПАЙҒАМБАР. МАН ҲАМАГӢ ЧӮПОН ВА ҶАМЪОВАРАНДАИ МЕВАҲО ҲАСТАМ.
АММО ПАРВАРДИГОР МАРО АЗ ЧӮПОНӢ ГИРИФТ ВА БА МАН ГУФТ: «РАФТА, БА ҚАВМИ МАН ИСРОИЛ ПАЙҒАМБАРӢ НАМО».
АММО АКНУН КАЛОМИ ПАРВАРДИГОРРО ГӮШ КУН...
БАРОИ ОН КИ ТУ МОНЕЪ МЕШАВӢ – ЗАНИ ТУ ДАР ШАҲР ГИРИФТОРИ ЗИНО ХОҲАД ШУД. ФАРЗАНДОНАТ КУШТА ХОҲАНД ШУД, ВА ЗАМИНИ ТУ ТАҚСИМ КАРДА ХОҲАД ШУД.
ТУ ДАР ЗАМИНИ НОПОК ХОҲӢ МУРД, ВА ХАЛҚИ ИСРОИЛ БА АСИРӢ БУРДА ХОҲАД ШУД.

Омус 7:10-17


БАЪД ПАРВАРДИГОР БА МАН РӮЪЁИ ДИГАРЕРО НИШОН ДОД – САБАДЕ ПУР АЗ МЕВАҲОИ ПУХТА.
ИН ХАЛҚИ МАН АСТ... КИ БАРОИ ҶАЗО ПУХТА РАСИДААСТ.
«ШУМО ХАЛҚИ ЧАШМГУРУСНА ҲАСТЕД, КИБЕНАВОЁНРО ҒОРАТ МЕКУНЕД, ШУМО БЕСАБРОНА ИНТИЗОРИ ГУЗАШТАНИ РӮЗИ МУҚАДДАС МЕШАВЕД, ТО КИ БОЗ БА ДУЗДӢ ДАСТ ЗАНЕД».
ПАРВАРДИГОР МЕГӮЯД, КИАЗБАСКИ ШУМО ГӮШ КАРДАН НАХОСТЕД, Ӯ ГУРУСНАГИРО МЕФИРИСТАД – АММО НА ГУРУСНАГӢ БА НОН Ё ТАШНАГӢ БА ОБ – БАЛКИ БА ШУНИДАНИ СУХАНОНИ ПАРВАРДИГОР.
ВА ОДАМОН ДАР РӮИ ЗАМИН ГАШТУГУЗОР НАМУДА, ОНРО ҶӮСТУҶӮ ХОҲАНД КАРД, АММО НАХОҲАНД ЁФТ.
«ОНҲОЕ КИ БУТҲОИ СОМАРИЯ, ДОН ВА БЕЭР-ШЕБАЪРО ПАРАСТИШ МЕКУНАНД, ФУРӮ ХОҲАНД ҒАЛТИД – ВА ДИГАР НАХОҲАНД БАРХОСТ».

Омус 8:1-14


ПАРВАРДИГОРРО ДИДАМ, КИ НАЗДИ ҚУРБОНГОҲ ИСТОДА БУД...
САРҲОИ СУТУНҲОРО БИЗАН, ТО КИ МАЪБАД БА ЛАРЗА ОЯД.
ГУРЕЗАНДАГОН НАҶОТ НАХОҲАНД ЁФТ; ҲАМААШОН КУШТА ХОҲАНД ШУД.
АГАР ДАР ҚАЪРИ БАҲР РУСТ ШАВАНД, МОРИ БАҲРӢ ХОҲАМ ФИРИСТОД, ТО ОНҲОРО НОБУД КУНАД.
МАН ЧАШМИ ХУДРО БАР ОНҲО БАРОИ БАДӣ ХОҲАМ НИГАРОНИД, ВА НА БАРОИ НЕКӣ.
ИНАК, ЧАШМОНИ ПАРВАРДИГОР БА ИСРОИЛ НИГАРОНИДА ШУДААНД... ВА МАНИ ОНРО ДАР МИЁНИ ҲАМАИ ХАЛҚҲО ПОШ ХОҲАМ ДОД.
АММО НА ҲАМЕША ЧУНИН ХОҲАД БУД.
ҲАНГОМЕ КИ МАН ХАЛҚИ ХУД ИСРОИЛРО БАРҚАРОР МЕКУНАМ, ҒАЛЛАИ ОНҲО ФАРОВОН ХОҲАД БУД.
МАН ОНҲОРО ДАР ЗАМИНАШОН ХОҲАМ ШИНОНД, ВА ОНҲО ДИГАР АЗ ЗАМИНАШОН, КИ БА ОНҲО ДОДААМ, КАНДА НАХОҲАНД ШУД», МЕГӯЯД ПАРВАРДИГОР ХУДОИ ТУ.




Genesis 25:23-26; Numbers 20:14-21


МАЪНОИ НОМИ УБАДЁ «ХИЗМАТГОРИ ХУДО» АСТ, ВА ПАРВАРДИГОР БА Ӯ ДАР БОРАИ ХАРОБ ШУДАНИ АДУМ ВА ДАР БОРАИ ПОДШОҲИИ ОЯНДАИ ХУДО РӮЪЁЕДОД.
ХАБАРЕ АЗ ҶОНИБИ ПАРВАРДИГОР ДОДА ШУД.
ЯҲУДО, ТУ БОЯД БАР ЗИДДИ АДУМ ЛАШКАР КАШИДА, ОНРО ХАРОБ ГАРДОНӢ!
АДУМ, ТУ АЗ БОИСИ ОН КИ ДАР САХРАҲОИ БАЛАНДИ ДАСТНОРАС СОКИН ҲАСТӢ, МАҒРУР ШУДАӢ.1
«МАН ТУРО АЗ БАЛАНДИҲОЯТ ФУРУД ХОҲАМ ОВАРД»,– МЕГӮЯД ПАРВАРДИГОР.
ҲАР ЧИЗИ АРЗИШНОКИ ТУ ЁФТ ШУДА, АЗ ТУ ГИРИФТА МЕШАВАД.
(1) АДУМ БО ПОЙТАХТИ ХУД ПЕТРА ДАР БАЛАНДИҲОИ КӮҲҲО ҶОЙГИР БУД, ВА АДУМИЁН БОВАРӢ ДОШТАНД, КИ ДАРАҲО ВА ҚУЛЛАҲОИ КӮҲҲО ОНҲОРО ДАСТНОРАС МЕГАРДОНАНД.
ҲАМАИ ИТТИФОҚЧИЁНИ ТУ ЗИДДИ ТУ МЕШАВАНД – ХИРАДМАНДЕ ДАР ТУ БОҚӢ НАМЕМОНАД.2
ТАВОНОТАРИН ҶАНГОВАРОНАТ НОТАВОН ХОҲАНД БУД.
АЗ БОИСИ ЧӢ? АЗБАСКИ ДАР ҲАҚҚИ БАРОДАРАТ,ИСРОИЛ, ЗУЛМ КАРДӢ.
АКНУН ГУНОҲҲОИ ТУ ОШКОР КАРДА МЕШАВАНД – ВА ТУ БАРОИ ҲАМЕША НОБУД КАРДА МЕШАВӢ.
(2) АЗБАСКИ АДУМ ДАР РОҲИ ПОДШОҲОН ҶОЙГИР БУД, ОНҲО БИСЁР ҲАКИМОН ВА ҒАЙБДОНОН ДОШТАНД, КИ БО САЙЁҲОН АЗ ҲИНД, АВРУПО ВА АФРИҚОИ ШИМОЛӢ МУОШИРАТ МЕКАРДАНД ВА ДОНИШ МЕАНДӮХТАНД.


«ТУИСРОИЛРО ДАР РӮЗҲОИ МӮҲТОҶИАШ ТАРК КАРДӢ. ДАР ОН РӮЗЕ КИ БЕГОНАҲО ДОРОИИ ӮРО ТОРОҶ МЕКАРДАНД ВА УРШАЛИМРО ТАҚСИМ МЕНАМУДАНД, ТУ БАРКАНОР ИСТОДА БУДӢ».
«ҲАНГОМЕ КИ ХАЛҚИ ИСРОИЛ БА САРЗАМИНҲОИ БЕГОНА БУРДА ШУД, ТУ ШОДӢ КАРДӢ».
«ВА ДАР РӮЗИ МУСИБАТАШ ТУ ИСРОИЛРО ҒОРАТ НАМУДӢ».
«ТУ ҲАТТО САРИ ЧОРРАҲА ИСТОДА, ГУРЕЗАҲОИ ИСРОИЛРО НОБУД КАРДӢ».
«БОҚИМОНДАҲОИ ОНҲОРО ДАСТГИР КАРДА, БА ДАСТИ ДУШМАНОНАШОН ДОДӢ».
«ЧУНОН КИ БО ОНҲО РАФТОР НАМУДӢ – БО ТУ НИЗ ОНЧУНОН ХОҲАД БУД».
«ТУ АЗ КОСАИ МАН НӮШИДАӢ, ВА ХАЛҚҲОИ АТРОФИ ТУ НИЗ АЗ ОН ХОҲАНД НӮШИД – ОНҲО НОБУД МЕШАВАНД ВА АЗ САҲИФАИ ТАЪРИХ МАҲВ МЕГАРДАНД».1
(1) ЯҲУДО БАРОИ ГУНОҲҲОИ ХУД МУВАҚҚАТАН ҶАЗО ДОДА ШУДА БУД, АММО АДУМ ВА ДИГАР ХАЛҚҲО БАРОИ ҲАМЕША ҶАЗО ДОДА ШУДАНД.

Убадё 1:11-16


«АММО ПАРВАРДИГОР НАҶОТ ХОҲАД ФИРИСТОД – ИСРОИЛ БОЗ ИН ЗАМИНРО БА ДАСТ ХОҲАД ДАРОВАРД».1
«ДАР АДУМ КАСЕ ЗИНДА НАХОҲАД МОНД», – ЗЕРО КИ ИНРО ПАРВАРДИГОР ГУФТААСТ.2
(1) ТАҒЙИР ЁФТАНИ ТАҚДИР, ҲАНГОМЕ МАСЕҲ ПОДШОҲИИ ҲАЗОРСОЛАИ ХУДРО БАРПО МЕКУНАД.ИСРОИЛ ТАМОМИ ЗАМИНЕРО, КИ БА ИБРОҲИМ ВАЪДА ШУДААСТ, БА ДАСТ МЕОВАРАД.
(2) АДУМ ВА ХАЛҚИ ОН АЗ САҲИФАИ ТАЪРИХ НЕСТ ШУДАНД.
«ХАЛҚИ МАН, КИ ДАР ҶАНУБ СОКИН АСТ, ЗАМИНИ КӮҲСОРИ АДУМРО СОҲИБ МЕШАВАД».
«ОНҲО ҲАМВОРИҲОИ ФАЛИШТИЁН, САҲРОИ СОМАРИЯ ВА СОҲИЛИ ФИНИКИЯРО СОҲИБ МЕШАВАНД».
«ЧУНКИ БА УРШАЛИМ НАҶОТДИҲАНДАГОН ХОҲАНД ОМАД, ВА БАР ТАМОМИ АДУМ ҲУКМРОНӢЗ ХОҲАНД КАРДА. ВА ПАРВАРДИГОР ПОДШОҲӢ ХОҲАД КАРД!»
(3) ЧУНОН КИ ДАР ИСРОИЛИ ҚАДИМ ДОВАРОН БУДАНД, ДАР ПОДШОҲИИ ҲАЗОРСОЛАИ ХУДОВАНД ҲАМИН ГУНА САРВАРОН ТАЪЙИН КАРДА МЕШАВАНД.


МИКО
КИТОБИ МИКОРО ПАЙҒАМБАР МИКО НАВИШТААСТ.
НОМИ Ӯ ШАКЛИ КӮТОҲИ НОМИ МИКОИЛ БУД, КИ МАЪНОЯШ «КИСТ МОНАНДИ ХУДО?» АСТ.
Ӯ ИН МАЪНОИ НОМИ ХУДРО БАРОИ ДОДАНИ ҲАМИН САВОЛ БА МАРДУМИ ЯҲУДО, КИ НАЗДИ ОНҲО ФИРИСТОДА ШУДА БУД,ИСТИФОДА МЕБУРД.
Ӯ ДАР ЗАМОНИ ҲУКМРОНИИ ПОДШОҲОНИ ЯҲУДО ЮТОМ, ОҲОЗ ВА ҲИЗҚИЁ ПАЙҒАМБАРӢ КАРДААСТ...
...ҲАНГОМЕ КИ ПОДШОҲИИ ШИМОЛИИ ИСРОИЛ ДАР АРАФАИ ФУРӮ ҒАЛТИДАН ДАР НАЗДИ ДАВЛАТИ ТАВОНОИ ОН ЗАМОН – АШШУР БУД.
Ӯ ҲОКИМОНИ ХАЛҚИ ОНРО БАРОИ НОИНСОФӢ ВА СОКИНОНИ ОНРО БАРОИ ҶОНИБДОРИ АРЗИШҲОИ ФОНӢ БУДАНАШОН АЙБДОР МЕКАРД.


ҲАНГОМИ ПОДШОҲИИ УЗЗИЁ КИШВАР НАШЪУНАМО МЕКАРД, АММО ПИСАРИ Ӯ ЮТОМ МАРКАЗҲОИ БУТПАРАСТИРО НОБУД НАКАРД.
БАЪД АЗ Ӯ ПОДШОҲ ОҲОЗ ХАЛҚРО БА ГУНОҲ РОҲНАМОӢ МЕКАРД.
МИКО МЕГУФТ, КИ НАШЪУНАМОИ ОНҲО ФИРЕБИ НАЗАР БУДА, ТАНАЗЗУЛИ АХЛОҚИРО, КИ ДАР НАТИҶАИ ПАРАСТИШИ БААЛ -ХУДОИ КАНЪОНИЁН БА МИЁН ОМАДААСТ, РӮПӮШ МЕКУНАД.
БО ИСТИФОДАИ ИСТИЛОҲОТИ ҲУҚУҚӢ МИКОПАЁМИ ХУДРО ДАР СЕ ҚИСМ БАЁН НАМУД.
ЧУНОН КИ ОМӮС БАРОИ НОИНСОФӢ БАР ЗИДДИ ИСРОИЛ ПАЙҒАМБАРӢ МЕКАРД, МИКО НИЗ БАР ЗИДДИ ЯҲУДО ПАЙҒАМБАРӢ МЕКАРД.
ИН КИСТ?
НЕ, Ӯ БОЗ ЯК ДЕҲҚОНЕСТ, КИ БА ШАҲР БАРОИ ҶАМЪ КАРДАНИ ПАЙРАВОН ОМАДААСТ.
МИКО БА ХАЛҚЕ КИ БА ҲАМА ГУНА БАДКИРДОРИҲО ДАСТ МЕЗАД, ПЕШГӮӢ НАМУД, КИ ХУДО САРВАРОНИ ФАСОДКОРРО ДОВАРӢ КАРДА, ҶАЗО ХОҲАД ДОД, ВА НИЗ ПЕШГӮӢ КАРД, КИ ХАЛҚ ДАР ОЯНДА НАҶОТ ХОҲАД ЁФТ.


БА ДОВАРӢ ҶАМЪ ШАВЕД, ЭЙ ҲАМАИ ХАЛҚҲО – ПАРВАРДИГОР АЗ ҚУДСИ ХУД БАР ЗИДДИ ШУМО ШОҲИД МЕШАВАД.
ИНАК, Ӯ АЗ ТАХТИ ОСМОНИИ ХУД БА ЗАМИН ФУРУД МЕОЯД. КӮҲҲО ДАР ТАҲТИ Ӯ ГУДОХТА МЕШАВАНД, ВА ВОДИҲО МИСЛИ МУМ ПЕШИ ОТАШ МЕГУДОЗАНД.
«ҲАМАИ БУТҲОИ СОМАРИЯ ПОРА-ПОРА ХОҲАНД ШУД – ИБОДАТХОНАҲОИ ОН ХОҲАНД СӮХТ».
«ОНҲОМУЗДИФОҲИШАҲОБУДАНД, ВАОНҲОБАМУЗДИФОҲИШАҲОХОҲАНДБАРГА ШТ».1
(1) БА ФОҲИШАҲОИ НАЗДИ БУТХОНАҲОПУЛ, ХӮРОК, ЛИБОС ДОДА МЕШУД. ТИЛЛО ВА НУҚРАИ АЗ МАЪБАДҲОИ ИСРОИЛ ГИРИФТАШУДАРО ИСТИЛОГАРОНИ АШШУРӢ БАРОИ МАРОСИМҲОИ БУТПАРАСТОНАИ ХУД ИСТИФОДА БУРДАНД.
«МАН НАВҲАЮ ВОВАЙЛО ХОҲАМ КАРД, ЗЕРО ШИКАСТИ СОМАРИЯ БА ДАРВОЗАИ ҚАВМИ МАН – БА УРШАЛИМ РАСИДААСТ».
«ИН ЗАХМИ ИЛОҶНОПАЗИР АСТ».
Мико 1
«ДАР ҲАҚҚИ ПИСАРОНИ ХУД ГИРЯ КУНЕД – ШУМО ДИГАР ОНҲОРО НАМЕБИНЕД, ЗЕРО ОНҲО ҒУЛОМ МЕШАВАНД».
«САРАТРО МИСЛИ ЛОШАХӮР БЕМӮЙБИКУН».2
(2) КОҲИНОН НАБОЯД МӮЙСАРИ ХУДРО МЕТАРОШИДАНД (ИБОДАТ 21:5) ВА МАРДУМ АЗ ИН ҶИҲАТ НАБОЯД БА БУТПАРАСТОН МОНАНД МЕШУДАНД, АММО ШОЯД ИН КОРҲАМЧУН НИШОНАИ ҒАМУ АНДӮҲ КАРДА МЕШУД.



ВОЙ БА ҲОЛИ ОНҲОЕ КИ БАДКИРДОРИРО МЕАНДЕШАНД– ЗОЛИМОН МАҲКУМ КАРДА МЕШАВАНД!
ШУМО КИШТЗОРҲОРО КАШИДА МЕГИРЕД ВА ШАХСРО АЗ ХОНААШМАҲРУМ МЕКУНЕД.
БАРОИ ҲАМИН ХУДО БА МУСИБАТИ САХТЕ ГИРИФТОР МЕКУНАД.
«ЗАНОНИ ҚАВМИ МАРО АЗ ХОНАҲОИ ДИЛПИСАНДАШОН БАДАР РОНДЕД; АЗ КӮДАКОНИ ОНҲО ҲУҚУҚИ ДОДАИ ХУДОРО ГИРИФТЕД».
«АКНУН ХУДО ЗАМИНРО ВОДОР МЕНАМОЯД, КИ ШУМОРО ҚАЙ КУНАД».
«АММО БА ҲАР ҲОЛ, ЭЙ ИСРОИЛ, ХУДО ШУМОРО НАҶОТ МЕДИҲАД ВА ЧУН ГӮСФАНДОНИ ДОХИЛИ ҚӮРА, ЧУН РАМА ДАР ЧАРОГОҲҶАМЪ МЕКУНАД –ХАЛҚИ ХУШБАХТ».
«МАСЕҲ ШУМОРО АЗ АСОРАТ БЕРУН МЕОВАРАД ВА АЗ ДАРВОЗАҲОИ ШАҲРҲОИ АСОРАТАТОН БАРГАРДОНДА, БА ЗАМИНАТОН МЕОВАРАД».


ВА ШУМО, ЭЙ САРВАРОН – ШУМО БОЯД АЗ БАДӢ НАФРАТ КУНЕД ВА ТАНҲО НЕКИРО ДӮСТ ДОРЕД.
ВА ШУМО, ПАЙҒАМБАРОН, КИ ХАЛҚИ МАРО БА ИШТИБОҲ МЕАНДОЗЕД – ШУМОРО ШАБ ВА ТОРИКӢ ФАРО ХОҲАД ГИРИФТ.
«ШУМО,МИРОНИ УРШАЛИМ, БАР ХУНРЕЗӢ ВА БАДКИРДОРИҲО ШАҲРРО БИНО МЕКУНЕД».
«САРВАРОНИ ШУМО БА БАДАЛИ РИШВА ДОВАРӢ МЕНАМОЯНД ВА БА БАДАЛИ МУЗД ТАЪЛИМ МЕДИҲАНД».
АММО МАН ПУР АЗ РӮҲИ РОСТӢ ВА УСТУВОРИИ ПАРВАРДИГОР ҲАСТАМ, ТО ҶАЗОИ ПАРВАРДИГОРРО БАР ИСРОИЛ ВА ЯҲУДО БАРОИ ГУНОҲҲОЯШОН БАЁН НАМОЯМ.

Мико 3


«АММО ДАР АЙЁМИ ОХИР КӮҲИ СИОН, КИ ҲАМАИ ХАЛҚҲО ОНРО СИТОИШ ХОҲАНД КАРД, БАР САРИ КӮҲҲО ГУЗОШТА ХОҲАД ШУД; ОДАМОН АЗ ТАМОМИ ҶАҲОН СӮИ ОН ХОҲАНД ОМАД».
«ДАР ОН РӮЗҲО ТАМОМИ ҶАҲОНРО ХУДОВАНД АЗ УРШАЛИМ ИДОРА ХОҲАД КАРД!»1
(1) ДАР АВВАЛИ БОБИ 4 МИКО БА ТАСВИРИ ҲАЁТ ДАР ПОДШОҲИИ ОЯНДА МЕГУЗАРАД, ҲАНГОМЕ КИ МАСЕҲҲАЗОР СОЛ ПОДШОҲӢ МЕКУНАД.
«ОНҲО ШАМШЕРҲОИ ХУДРО БАРОИ ПОЗАҲО, ВА НАЙЗАҲОИ ХУДРО БАРОИ ДОСКОЛАҲО ХОҲАНД ШИКАСТ; ВА ХАЛҚЕ БО ХАЛҚЕ ҶАНГ НАХОҲАД КАРД, ЗЕРО ҲАМА ГУНА ҶАНГ БА ОХИР ХОҲАД РАСИД».
«АММО АКНУН, ЭЙ ДУХТАРИ СИОН, ТУ АЗ ШАҲР БАРОМАДА, ТО БОБИЛ МЕРАВӢ».2
(2) ДАР ОН ЗАМОН ИН БАРОИ ХАЛҚИ ИСРОИЛ ҒАЙРИИМКОН МЕТОФТ, ЗЕРО АШШУР ДАВЛАТИ ТАВОНОТАРИНИ ҶАҲОН БУДА, БОБИЛРО ЗЕРИ ИТОАТ НИГОҲ МЕДОШТ. АММО БОБИЛ ҲАҚИҚАТАН ТАВОНО ШУД ВА УРШАЛИМРО ЗАБТ НАМУД.
«ИН ХАЛҚҲОИ БИСЁР БАР ЗИДДИ ТУ ҶАМЪ ШУДААНД, АММО ОНҲО НАҚШАИ ХУДОРО НАМЕДОНАНД».
«ЗЕРО ЗАМОНЕ МЕОЯД, КИ ПАРВАРДИГОР ДУШМАНОНИ ХАЛҚИ ХУДРО ЧУН БАНДҲО ДАР ХИРМАНГОҲ ҶАМЪ МЕКУНАД, ВА ОНҲО ДАР РӮ БА РӮИ ИСРОИЛ НОТАВОН ХОҲАНД БУД».



«ЭЙ БАЙТ-ЛАҲМИ ЭФРОТ, КИ ДАР МИЁНИ ХОНАВОДАҲОИ ЯҲУДО АЗ ҲАМА ҶАВОНТАРӣ! АЗ ТУ БАРОИ МАН ПОДШОҲЕ ХОҲАД БАРОМАД, КИ БАРОМАДИ Ӯ АЗ ҚАДИМ, АЗ АЙЁМИ АЗАЛ АСТ!»1
(1) БАЙТ-ЛАҲМ ЗОДГОҲИ ИСОИ МАСЕҲ БУД.
«ХУДО ХАЛҚИ ХУДРО ДАР ДАСТИ ДУХМАНОНАШОН ТАРК МЕКУНАД, ТО ДАМЕ КИ ЗАНИ ҲОМИЛА2 ПИСАРЕ ТАВАЛЛУД КУНАД; ОН ГОҲ БАҚИЯИ ИСРОИЛ, КИ АЗ ВАТАН РОНДА ШУДААСТ, БО БАРОДАРОНАШ ДАР КИШВАРИ ХУД МУТТАҲИД ХОҲАД ШУД».3
(2) ХАЛҚИ ИСРОИЛ.
(3) БАҚИЯ ПЕШ АЗ ОМАДАНИ ДУЮМИ ИСОИ МАСЕҲ ҶАМЪ КАРДА МЕШАВАД.
ЧӢ ГУНА ШУМО МЕТАВОНЕД ДАР ПАРТАВИ РОСТКОРИИ Ӯ ЗОҲИРАН ИН ҚАДАР ДИНДОР БУДА, БОТИНАН БА Ӯ ИСЁН НАМОЕД?
ХУДО МЕГӮЯД:«БАРХЕЗ ВА БО МАН МУРОФИА НАМО. БИГЗОР КӮҲҲО ВА ТЕППАҲО ШОҲИДОНИ ШИКОЯТИ ТУ БОШАНД».
ПАРВАРДИГОР ҲАМАИ ИН ҚУРБОНИҲОРО НАМЕХОҲАД.
Ӯ БА ШУМО ГУФТ, КИ ЧИРО МЕТАЛАБАД –ОДИЛОНА, БОИНСОФОНА, РАҲМДИЛОНА АМАЛ НАМУДАН ВА ДАР ПЕШИ ХУДОИ ХУД БО ФУРӮТАНӢ ҚАДАМГУЗОР БУДАН.


Мико 5-6:8


«АЗ ҲАМИН САБАБ МАН ИН ЧӮБДАСТРО БАР ЗИДДИ ШУМО МЕФИРИСТАМ...»
«ДИЛҲОИ ШУМО АЗ БОИСИ ҲАМАИ ГУНОҲҲОЯТОН ХОЛӢ ХОҲАНД БУД».
«ШУМО ХОҲЕД ХӮРД, ВАЛЕ СЕР НАХОҲЕД ШУД».
«ОН ЧИРО, КИ МАҲФУЗ НИГОҲ ДОРӢ, МАН БА ДАСТИ КАСОНЕ МЕДИҲАМ, КИ ШУМОРО АСИР МЕГАРДОНАНД».
«ШУМО КИШТ ХОҲЕД КАРД, АММО ОНРО НАХОҲЕД ДАРАВИД».
АММО МАН МУШОҲИДАИ КОРҲОИ ХУДОРО ДАВОМ МЕДИҲАМ.
КИСТ ХУДОЕ МИСЛИ ТУ, КИ ГУНОҲРО БАХШАД ВА АЗ ҶИНОЯТҲО ГУЗАРОӣ КУНАД?
ТУ ҒАЗАБИ ХУДРО ТО АБАД НИГОҲ НАМЕДОРӢ, ЗЕРО КИ МАРҲАМАТРО ДӮСТ МЕДОРӢ.
ТУ БА МО РАҲМ ХОҲӢ КАРД, ЧУНОН КИ БА ПАДАРАМОН ИБРОҲИМ ВАЪДА КАРДА БУДӢ!

"THE BIBLE EXPLAINED IN EVERY LANGUAGE."





**SUPERBIBLE.TV**